## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмат дар мавзуи «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва миллати бофарҳанги тоҷик баҳри мустаҳкам намудани давлати соҳибистиқлоли демократӣ, ки дар рушду нумуи маданияти миллӣ ва умумибашарӣ қадамҳои устувор гузоштааст, ҷаҳд бар он доранд, ки Тоҷикистони азизамон дар радифи мамлакатҳои пешқадаму мутараққии дунё ҷойгир бошад. Албатта, муваффақиятҳои дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, иҷтимоиёт, илму фарҳанг, маориф, адабиёту санъат бадастомада ва ҳифзу муқаддасоти он, пеш аз ҳама, ба таълиму тарбия ва рушди ҷаҳони маънавию маърифатнокии ҳар як шаҳрванди тоҷику тоҷикистонӣ, алалхусус, наслҳои наврасу ҷавон вобаста аст. Ташаккули маънавии насли навраси муосир аз натиҷаҳои фаъолияти педагогию ҷамъиятӣ, тайёрии касбӣ ва масъулиятнокӣ, худшиносиву худогоҳии омӯзгор вобаста буда, дар асоси риояи принсипҳои умумибашарӣ, адолатпарварӣ, масъулиятшиносӣ, таҳаммулпазирӣ, хайрхоҳӣ, озодандешӣ ва амсол ба инҳо бунёд меёбад.

Инчунин, дар руҳияи донишандӯзию маърифатнокӣ ва ахлоқи ҳамида тарбия намудани насли наврас намунаҳои беҳтарини мероси адабӣ, илмӣ, фалсафӣ ва педагогии мутафаккирони барҷастаи форсу тоҷик, аз қабили Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Унсурулмаолии Кайковус, Абуҳомиди Ғазолӣ, Саъдии Шерозию Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Аҳмади Донишу Тошхуҷаи Асирӣ, Шамсуддин Шоҳину Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзодав ва Бобоҷон Ғафуров, ки дар асарҳои худ оид ба паҳлуҳои мухталифи таълиму тарбияи насли наврас, роҳу равиш ва усулҳои тарбияи худшиносию худогоҳии миллӣ афкори волою пурарзиш баён кардаанд, нақши муҳим доранд.

Ҷомеаи демократии кунунии мо дар назди омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна бо ҷиддияти махсус вазифаи тарбия намудани наслҳои

дар руҳияи хислатҳои наҷиби инсонӣ камолёфтаро гузоштааст. Аз ин лиҳоз, ба омӯзгорон зарурат пеш меояд, ки муқаррароти нав дар соҳаи маорифро дар ҳаёт татбиқ намоянд ва барои амалӣ намудани он ҳаматарафа омода бошанд.

Ташаккули сифатҳои ахлоқи ҳаммида, алалхусус, дар руҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ, худшиносию худогоҳии миллӣ тарбия намудани насли наврас дар даврони муосир аҳамияти басо муҳимро касб кардааст. Дар шароити кунунии пешрафту тараққии илму техника ва технологияи муосир олимону омӯзгорони пешқадами ҷумҳурӣ мазмуну мундариҷаи таълиму тарбияро мукаммал гардонида, роҳ ва усулҳои самараовари сифатҳои ахлоқии хонандагонро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Бинобар ин, масъалаи ташаккули тарбияи худшиносӣ ва ба камол расонидани шахсиятҳои комил масъалаи муҳимми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳли ҷомеаи кунунӣ ба шумор меравад.

Мубрамии мавзуи пажуҳишии мавриди назар боз бар он асос меёбад, ки Масъалаи ба таври назарӣ ва амалӣ тайёр намудани хонандагон дар руҳияи худшиносӣ, ташаккули шахсият дар як қатор корҳои илмӣ ва асарҳои файласуфону иҷтимоиётшиносон (сотсиологҳо) Х. Афзалов, А. Макаренко, Ананьев Б.Г., Лихачёв В.Т., Гулмадов Ф., Крупская Н.К., Лутфуллоев М., Маҷидова Б., Иззатова М., Мирализода А.М., Николаев В.А., Нуров А., Орифӣ М., Ушинский К.Д., Г. Иброҳимов, Шарифзода Ф. ва дигарон баён шудаанд.

Масъалаи ташаккули худшиносии хонандагон дар раванди таълим аз нуктаи назари илмӣ аз тарафи олимони рус Николаев В.А., Волков Г.Н., Станчинский Г.А., А.С. Макаренко, Ушинский К.Д., Хоҷаев Қ.Т., аз тарафи олимони тоҷик Гулмадов Ф., Шарипов А., Қодиров Қ.Б., М. Лутфуллоев, Расулов Д., Раҳимзода Х., Ф. Шарифзода , Нуров А., М. Орифӣ, Маҷидова Б., Иззатова М., Х. Афзалов ва дигарон мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст.

Дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ дар соҳаҳои педагогика ва психология М. Лутфуллоев, Х. Раҳимзода, Ф. Шарифзода, Афзалов Х., Далатмурод Р., Қодиров Б., Қодиров Қ., Маҷидова Б., Нуриддинов Ғ., Нуров А., Паҳлавонов А. ва дигарон паҳлуҳои асосии худшиносӣ ва фаъолияти омӯзгорону хонандагон дар шаклгирии худшиносии хонандагон, масъалаҳои тарбияи худшиносию худогоҳии хонандагон дар оила ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ ва умумибашарӣ, назарияи тарбияи таълими ҳамгиро бо назардошти тарбияи хонандагон дар раванди таълим, назарияи пайдоиши афкори педагогии халқи тоҷик дар даврaҳои гуногун, арзишҳои этнофарҳангӣ ва умумиинсонии наврасон ва ҷавонон бо таври умумӣ арзёбӣ гардидаанд.

Манзури муҳаққиқону донишмандон намудану ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмат дар мавзуи

«Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон» андешаҳои болоро собит менамояд.

Ҳамзамон, таҳқиқоти диссертатсиони асосан дар асоси технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон дар муҳити муассисаҳои таълимӣ ва оила сурат гирифтааст. Аз ин рӯ, диссертант Ёрматзода Алишер Ҷолмат ба масъалаҳои зерини технологияи педагогии ҳамкорӣ аҳаммияти махсус додааст:

1. Асосҳои методологии ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо оила дар асоси субъектҳои таъсиррасон, аз қабили мазмуни ҳамкорӣ, воситаҳои ҳамкорӣ, шакл ва методҳои ҳамкории педагогӣ.

2. Ҳамкории мутақобилаи педагогӣ ва субъекти раванди таълим дар кори якҷояи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила, ки ба ташаккули донишҳои худшиносии хонандагон нигаронида шудааст.

3. Баланд бардоштани фарҳанги психологӣ-педагогӣ ва заминаи худшиносии падару модарон тавассути ташкили семинарҳо, маърузаҳо оид ба тарбияи худшиносӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон аз тариқи дарсҳои тарбиявии намунавӣ бахшида ба мавзуъҳои худшиносӣ, ҳамчунин ворид намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) ба раванди худтарбиякунӣ, худрушддиҳӣ, худтакмилдиҳии худшиносӣ ва ғайра.

4. Муаррифии анъана ва расму оинҳои мардумӣ ва таҷрибаи тарбияи худшиносӣ дар муҳити педагогии оила зери таъсири ахбори умум (телевизион, радио, нашрияҳои педагогии даврӣ ва ғайра), мубоҳисаҳо, мубодилаи афкор оид ба тарбияи худшиносӣ ҳамчун шакли баланд бардоштани фарҳанги худшиносии падару модарон, ташкили тренингҳои омӯзишӣ барои падару модарон оид ба азхудкунии технологияи ҳамкории педагогӣ бо МТМУ дар тарбияи худшиносӣ.

5. Шаклҳои ғайрианъанавии ҳамкории (рӯзномаю маҷалаҳои электронӣ, дарсҳо тавассути ролик ва тахтаҳои электронӣ, телефон ва ғайра) педагогии оила ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти хонандагон ва тарбияи ҳисси худшиносӣ.

Ҳамин тавр, диссертант мубрамияти мавзуи таҳқиқро дар муқаддимаи рисола хуб, фаҳмо ва бо нуктаҳои ҷолиб иброз намудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад: 1) Андешаҳои консептуалӣ оид ба тарбияи худшиносии хонандагон бо истифодаи андешаҳои мутафаккирони адабиёти тоҷику форс вобаста ба талаботи пешрафти ҷомеаи муосир таҳлилу баррасӣ гардидаанд, коркард шуд; 2) Асосҳои педагогии фаъолияти якҷояи муассисаҳои таълимӣ ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагони

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷиҳати назариявӣ таҳлил ва технологияи амалигардонии он ба таври озмоишӣ таҳқиқу баррасӣ карда шудааст; 3) Роҳу усул ва технологияи педагогии фаъолияти муштараки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагон коркард ва мавриди озмоиш қарор дода шуда, самаранокии он исбот карда шуд; 4) Дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва натиҷагирӣ аз кори таҷрибавӣ-озмоишӣ мазмуни фаъолияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагон муайян ва тавсияҳои методӣ барои самарабахшии ин раванд коркард гардидааст.

Нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҷолиб ва диққатҷалбкунанда буда, диссертант дар назди худ доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ вазифагузориҳо намудааст, то вижагиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташаккулии ҳаматарафагии шахсияти хонандагонро таҳлил намояд ва нақши ҳамкории оила бо муассисаи таълимӣ дар тарбияи худшиносии хонандагон мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсиҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии муаррихони ватанию хориҷӣ истифода гардидаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулосаи диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмат фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, натиҷаи таҳлили амиқи сарчашмаҳои таърихӣ, таҷрибаҳои ҷудогонаи минтақавӣ ва таҳқиқоти назариявӣ мебошанд. Ҳар як банди хулоса ба паҳлуи мушаххаси масъалаи таҳқиқӣ – ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон – бахшида шуда, муҳимтарин омилҳо ва равандҳои таъсиргузорро дар ин раванд равшан месозад. Инчунин, бахши тавсияҳо, ки аз 9 банд иборат аст, муҳиммияти мавзуъро дар заминаи таърихнигорӣ ва омӯзиши таҷрибаи таърихии сокинони вилоят инъикос намуда, имкони истифодаи натиҷаҳои таҳқиқотро дар раванди таълиму тадрис ва таҳқиқоти минбаъда нишон медиҳад. Тавсияҳо бо назардошти таҳлилҳои илмӣ-назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия шуда, ба дурнамои васеи мавзуи таҳқиқотӣ равона шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ** аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар такмили назарияи илмии фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ оид ба тарбияи худшиносӣ ифода ёфта, нуктаҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Андешаю ғояҳои мутафаккирони адабиёти тоҷику форс ҳамчун асоси методологии таҳқиқот аз ҷиҳати назариявӣ дар педагогикаи муосир, махсусан, тарбияи худшиносии хонандагони МТМУ таҳлил карда шуд.

2. Исбот карда шуд, ки тарбияи худшиносии хонандагон раванди педагогии ягонаи таъсиррасони МТМУ ва оиларо талаб менамояд ва иҷрои ин вазифа дар асоси технологияи педагогии ҳамкории ин ду ниҳоди иҷтимоӣ амалӣ мегардад.

3. Аниқ карда шуд, ки раванди тарбияи худшиносии хонандагон раванди мураккаб буда, низоми ҳамкории доимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва оиларо талаб намуда, дар он фаъолияти таълимӣ ва беруназдарсӣ, яъне ҳангоми ташкилу баргузории корҳои беруназсинфӣ амалӣ карда мешавад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии Ёрматзода Алишер Ҷолмат аз бахшҳои муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулосаҳои бобҳо ва хулосаи умумӣ, тавсияҳои методӣ оид ба амалигардонии натиҷаҳои таҳқиқот, номгӯйи адабиёт ва замимаҳо, 14 ҷадвалу 10 расм иборат буда, 180 (бо замимаҳо 182) саҳифаро дар бар гирифтааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 184 номгӯйро ташкил медиҳад.

**Таҳлили қисми муқаддамотӣ** ва тавсифи умумии рисола шаҳодат медиҳад, ки муаллиф муҳиммияти мавзуи таҳқиқотиро бо далелу асосҳои муътамад ва таҳлили амиқ ба таври муассир нишон додааст. Муқаддимаи диссертатсия бо назардошти талаботи ҷорӣ, ки аз бандҳои мубраммии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, робитаи таҳқиқ бо барномаҳою мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объект ва усули таҳқиқ, маводи истифодашуда дар диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии таҳқиқ, асосҳои назарии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ ва сохтори диссертатсия таркиб ёфтааст, мувофиқи талабот, пурмазмун ва фарогир таълиф гардидааст.

Боби аввали диссертатсия таҳти унвони **«Асосҳои педагогии фаъолияти якҷояи мактаб ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ»** номгузорӣ шуда, дар он масъалаи мазкур аз ҷиҳати назариявӣ таҳлил ва мавриди баррасии амиқ қарор гирифтааст.

Зербоби якуми боби якум **«Тавсифи асосии мафҳуми худшиносӣ ҳамчун падидаи фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ»** ном дошта, истилоҳи худшиносӣ аз нуктаи назари фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ дар пояи нигоштаҳои олимони маъруфи хориҷиву ватанӣ (К.Д. Ушинский, В.Т. Лихачёв, М. Лутфуллоев, Маҷидова Б.А., Раҳимов Х., Нуров А., А. Шамолов, Х. Раҳимов, Э. Сангинова ва дигарон) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф изҳори ақида намудааст, ки мафҳуми худшиносӣ таърихи дуру дароз, маъно ва мазмуни васею фарох дорад ва ба муҳтавои он на ҳама хонанда ба таври зарурӣ ва ба пуррагӣ сарфаҳм меравад.

Мушоҳидаҳо ва муқоисаю ташхиси омӯзгорону олимон нишон медиҳанд, ки аксарияти хонандагон дар ростои худшиносӣ тасаввуроти умумӣ доранд, вале ба умқи ин масъала ба дараҷаи даркорӣ сарфаҳм намераванд.

Дар зербоби дуюми боби якум **«Заминаҳои назариявӣ ва методологии тарбия намудани худшиносӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ»** иброз дошта мешавад, ки тарбияи худшиносии хонандагонро дар алоқамандӣ бо кули фанҳои таълимӣ, хосатан, бо таълими фанҳои забону адабиёти тоҷик, таърихи Тоҷикистон, ҷуғрофия, тарҳрезию корбаст намудан мумкин аст.

Таҳлили санадҳои меъёрӣ, барномаҳои таълимӣ, стандарти давлатии фаннӣ, нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, инчунин натиҷаҳои пурсиши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосии шаҳр ва деҳот имкон медиҳанд ба хулосае оем, ки барои ташкил намудани тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тадбирҳои зеринро: - таъмин намудани шароит ва имконияти мусоид марбут ба таълиму тарбияи худшиносӣ; - додани дониши қаноаткунанда доир ба таърих, анъана ва тамаддуни гузаштаву муосири тоҷик; - тавассути истифодаи анъанаҳо ва арзишҳои миллии халқи тоҷик тарбия намудани хонандагон; - тарбияи мақсаднок дар раванди таълими мавзуъҳои марбут ба худшиносии миллӣ; - истифодаи маҳорати педагогӣ ҳамчун асос барои ба даст овардани дониш ва малакаҳои худшиносӣ; -дар раванди таълим ба тарбияи худшиносии хонандагон равона кардани диққати ҷиддӣ ба роҳ бояд монд.

Дар зербоби сеюми боби якум **«Ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагони синфҳои 5-9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ»** –роҷеъ ба муносибати хонавода ва муассисаи таҳсилотӣ ҳамчун ду ниҳоди асосии ҷомеа дар ташаккули худшиносиву худогоҳии хонандагон ва роҳу воситаҳои ҳамкориҳои дутарафаи онҳо сухан меравад. Иброз дошта шудааст, ки ташаккули худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМА) ҳамон вақт ба муваффақият ноил мегардад, ки дар хонандагон таъсири ҳамкории хонавода бо муассиса эҳсос гардад.

**Боби дуюми** рисола **Вазъи тарбияи худшиносии хонандагон дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли таълими фанҳои гуманитарӣ)** дар бар гирифта, дар он сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) ва зерсохтори он-муассисаҳои таҳсилоти асосӣ (МТМА), яъне муассисаҳои пойгоҳӣ дар се сатҳ: муқарраркунанда - ташхисӣ, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ, инчунин сатҳи маҳорат ва малакаҳои касбии омӯзгорон ва технологияи педагогии ҳамкории онҳо бо падару модарон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар зербоби якуми боби дуюм **«Коркарди омории маълумоти санҷишии бадастомада оид тарбияи хонандагон дар рӯҳияи худшиносӣ дар раванди таълим»** - як қатор вазифаҳои мушаххас барои ташхису баргузории озмоиши педагогӣ муайян ва баррасӣ гардидаанд.

Зербоби дуюми боби дуюми дисертатсия **«Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ доир ба тарбияи хонандагон дар рӯҳияи худшиносӣ»** ном дорад.

Дар ин зербоб натиҷаҳои умумии корҳои таҷрибавӣ-санҷишӣ оид ба тарбияи худшиносии хонандагони МТМА бо ёрии далелҳои илмӣ, вобаста ба мазмуни маводҳои таълимии фанҳои мухталиф дар асоси принсипи пайдарпайӣ ва мунтазамӣ давра ба давра дар зери таҳлили оморӣ оварда шудаанд. Муҳтавои асосии корҳои санҷишӣ аз муайян намудани ақидаи омӯзгорон ва дараҷаи донишу фаҳмиши хонандагон нисбат ба худшиносӣ барои омоданамоии низоми кори самарабахши МТМУ-ҳои пойгоҳӣ иборат буд. Дар пурсише, ки тавассути саволнома сурат гирифт, 42-нафар омӯзгорони фанҳои таълимии мухталиф иштирок намуданд. Вобаста ба саволҳои пешниҳодшуда бештар аз 84%–и омӯзгорон дар он назаранд, ки ворид намудани соатҳои таълимӣ дар барномаи фанҳои таълимии МТМУ ба мақсад мувофиқ аст.

Дар зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия **«Натиҷагирӣ аз корҳои таҷрибавӣ – озмоишӣ оид ба тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ»** - исботи самарбахшии истифодаи ҷараёни корҳои беруназсинфию беруназмактабӣ, роҳҳо, методҳо ва усулҳои гуногун дар ташаккули худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷараёни таълим ва ҷамъбасти корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар ин самт мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар марҳилаи назоратии кори таҷрибавӣ-озмоишӣ маълум гардид, ки омӯзгорон аллакай худ ба танзим даровардану ба нақша гирифтани мавзуъҳои марбут ба тарбияи худшиносӣ ва худогоҳии хонандагонро иҷро карда метавонанд, мустақилона барои ташаккули худшиносии хонандагони худ мизҳои мудаввар, семинарҳо, конфренсияҳо ва дигар чорабиниҳои беруназсинфию беруназмактабиро гузаронида метавонанд.

**Хулосаи диссертатсияи** Ёрматзода Алишер Ҷолмат аз натиҷаи баҳсҳои илмӣ баромада, дарк ва зеҳнияти касбии муҳаққиқии ӯро нишон медиҳад. Дар хулоса натиҷаи пажуҳиш ба тариқи фишурда аз рӯйи натиҷагирии таҳқиқ оварда шуда, феҳристи адабиёт фарогири номгӯйи адабиёти зарурии илмиест, ки микдорашон ба 184 адад мерасад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну муҳтаво ва нуктаҳои асосии диссертатсияро дар 33 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 13 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Маводи батабърасида муҳимтарин паҳлуҳо ва мазмуни асосии диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии диссертантро собит менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмат ба талабот оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати дисертатсияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ кори диссертатсионии мавриди таваҷҷуҳ аз баъзе нуқсону камбудиҳо низ иборат мебошад, ки ислоҳи онҳо дар таҳқиқи минбаъдаи он аз манфиат холӣ нест ва ислоҳи онҳоро зарурӣ меҳисобем:

1. Дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзуи диссертатсионӣ номи муҳаққиқони алоҳидае, ки ба таҳқиқи масъалаи мазкур машғул шудаанд, зикр гардидааст. Аммо таҳлили муқоисавии ин рисола бо дигар рисолаҳо, ки ҳамдигарро тақвият мебахшанд кам ба назар мерасад, ки ин нуқс метавонад то андозае монеи дарёфти заминаи васеъ ва мукаммали таҳқиқоти мавриди назар гардад;

2. Диссертант дар асоси манобеи арзишманд мавзуи мавриди назарро таҳқиқ кардааст, аммо таҳлили муқоисавии ин раванд бо таҷрибаи дигар вилоятҳои Тоҷикистон кам ба назар мерасад;

3. Дар матни диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои зикргардида ислоҳпазир буда, ҷанбаи тавсиявӣ доранд. Ислоҳи онҳо ҳангоми таҳия ва нашри монография арзиши илмии кори диссертатсиониро боло мебарад.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант доир ба мавзуи мавриди пажуҳиш ба табъ расонидааст, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро пурра фаро гирифтааст. Кори диссертатсионии мазкур ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмии кори диссертатсионӣ ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ва ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, сохтор ва мазмуни диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмат дар мавзуи «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст, кори анҷомёфта донистан мумкин аст, ки

дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расидааст. Рисола ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессор, ходими пешбари
илми шуъбаи педагогика,
психология ва методикаи таълими
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академия таҳсилоти Тоҷикистон Раҳимзода Хуррам

**Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, А.Адҳамов 11/2. Тел: (+992) 907984770.

Имзои Раҳимзода Хуррамро тасдиқ мекунам:

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академия таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.

«30» 06 соли 2025